**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ҚАРОР**

Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои аз ҷониби корфармоён пешниҳод намудани маълумот дар бораи мавҷуд будани ҷойҳои кори ишғолнагардида ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ

Мутобиқи моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" ва бо мақсади ба даст овардани маълумоти пурра ва саҳеҳ оид ба талабот ба қувваҳои корӣ ва баланд гардонидани масъулияти корфармоён ҷиҳати саривақт пешниҳод намудани он ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Қоидаҳои замимагардидаи аз ҷониби корфармоён пешниҳод намудани маълумот дар бораи мавҷуд будани ҷойҳои кори ишғолнагардида ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ тасдиқ карда шаванд.

2. Роҳбарони корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, тобеияти идоравӣ ва шакли моликияташон иҷрои муқаррароти дар Қоидаҳои мазкур пешбинишударо таъмин намоянд.

3. Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон махзани маълумот ва вебсайти ҷойҳои кори холиро ташкил намуда, назорати иҷрои қарори мазкурро таъмин намояд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 2 апрели соли 2009 № 205

ш. Душанбе